**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос**

**Парвандаи аттестатсионии №____________**
**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 24.09.2025, таҳти №26**

Барои сазовор донистани Алимардонзода Зулайхо Файзалӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201- Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих).

Диссертатсия дар мавзуи «Ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ (солҳои 1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201- Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих)-ро 04-уми июни соли 2025, суратмаҷлиси №14, шурои диссертатсионии 6D.КОА-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, таҳти №24/шд тасдиқ гардида ва аз 31-уми майи соли 2024, таҳти №167/шд ба ҳайати он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст) ба ҳимоя қабул кардааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Алимардонзода Зулайхо Файзалӣ, соли 1993 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2012 ба шуъбаи рӯзонаи ихтисоси муносибатҳои байналхалқии факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2016 аз рӯйи ихтисоси муносибатҳои байналхалқӣ (мутахассис оид ба муносибатҳои байналхалқӣ) хатм намудааст.

Алимардонзода Зулайхо Файзалӣ солҳои 2016–2018 дар зинаи магистратураи факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ таҳсил намудааст. Унвонҷӯ бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 01-уми сентябри соли 2019 ба ҳайси доктор (PhD) доктаранти кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ қабул карда шудааст. Аз соли 2021 ба ҳайси асисстенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ фаъолият менамояд.

Мавзуи рисолаи номзадии Алимардонзода Зулайхо Файзалӣ «Ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ (солҳои 1991-2021)» бо қарори шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ 28 феврал соли 2020, таҳти №8/6.2 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ**: Ҳусайнов Аҳмадҷон Курбонович – доктори илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

**Комилова Хосият Ғуфроновна** - доктори илмҳои таърих, профессор, сардори раёсати илм, инноватсия, робитаҳои байналмилалӣ ва табъу нашри филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. Ломоносов дар шаҳри Душанбе;

**Насридинзода Меърочиддин Насридин** – номзади илмҳои таърих, дотсенети кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Муассисаи пешбар**: Муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар тақризи мусбати муассисаи пешбар, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – мудири кафедраи таърихи умумӣ ва ватании Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Ортиқов А.А., ташхисгар – д.и.т., профессор Муҳидинов С.Р. ва котиби ҷаласа Маҳкамова С.Ғ. (суратмаҷлиси №1, аз 26.08.2025) имзо ва аз ҷониби ректори донишгоҳ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор М.Қ. Файзулло тасдиқ шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсияи Алимардонзода Зулайхо Файзалӣ бо назардошти навгонии илмӣ, мубрамӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалияш сазовори баҳои мусбат буда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Рисола дорои нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок буда, муаллифи он Алимардонзода Зулайхо Файзалӣ сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201- Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърйх) мебошад.

Унвонҷӯ муаллифи 6 мақолаи илмӣ мебошад, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Интишороти унвонҷӯ нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

[1-М]. Алимардонова, З. Матлаби Тоҷикистон дар сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии Роғун [Матн] / З. Алимардонова // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2020. – №3 (86). – С. 265-271.

[2-М]. Алимардонова, З. Объяснение некаторых нюансов из история Рогунского ГЭС [Текст] / А. Хусайнов, З. Алимардонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №7. – С. 88-93.

[3-М]. Алимардонова, З. «CASA-1000» – Пайванди Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ [Матн] / З. Алимардонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. – №8. – С. 42-49.

[4-М]. Алимардонова, З. Нақши захираҳои обию энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ [Матн] / З. Алимардонова // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2024. – №5-6 (112-113). – С. 207-213.

**Мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ба табъ расида:**

[5-М]. Алимардонова, З. Ҳамкориҳои Тоҷикистону Қирғизистон дар сохмони лоиҳаи «CASA-1000» [Матн] / З. Алимардонова // Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшидаба 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Истиқлоли давлатӣ: марҳилаи тақдирсоз дар сарнавишти халқи тоҷик». – Душанбе, 2021. – С. 404-412.

[6-М]. Алимардонова, З. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Осиёи Марказӣ дар соҳаи обу энергетика [Матн] / З. Алимардонова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-методӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами талими таърих: мушки лот ва дурнамо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбии ҶТ» бахшида ба 115-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров. (ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 23.12.203). – Душанбе, 2023. – С. 303-307.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. Доктори илмҳои таърих, мудири шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ Абдурашитов Ф. М. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.

2. Номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донигоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав Мирзоев Ғ.Ш. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.

3. Номзади илмҳои таърих, дотсенти Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Қобилова С.Я. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 61-70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 6D020201- Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд**: Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаи энергетика, махсусан, гидроэнергетика дар замони истиқлол баррасӣ мешавад;

- **ошкор менамояд**, ки иқтидори гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тавозуни энергетикии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар кадом сатҳ аст ва бунёди иншооти гидроэнергетикӣ дар тараққиёт ва рушди хоҷагии халқи Тоҷикистон ва дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ чӣ аҳамият дорад.

- **пешниҳод шудааст, ки** омӯзиши захираҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ дар шароити нави глобалии ҷаҳони муосир дар рушд ва пешрафти соҳаҳои гуногуни саноатӣ ва кишоварзии ҷумҳуриҳои минтақа кумаки беандоза хоҳад расонд. Ҳамзамон, рушди ҳамкориҳои кишварҳои минтақа дар самти амнияти обу энергетикӣ, ки барои ҳамаи давлатҳои Осиёи Марказӣ аҳаммияти беандоза дорад, аз аҳамият холӣ нест.

- **исбот шудааст,** ки истифодаи захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон барои таъмини рушди минтақа дар замони соҳибистиқлолӣ низ идома дорад, вале мазмуну мундариҷа ва шеваи истифодаи он тавассути ҳамкорӣ бо дарназардошти манфиати тарафайн куллан тағйир ёфтааст. Тағйироти бавуҷудомада манфиатҳои Тоҷикистон ва тамоми минтақаро дар истифодаи бемамониату самараноки захираҳои гидроэнергетика баробар ба назар гирифтааст.

- **ҷорӣ намудани** фанни махсусе бо номи «Ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, ки мутахассисонро дар самти таърих, сиёсатшиносӣ, низоъшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ омода мекунанд, муҳим мебошад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба он асоснок карда шудааст, ки** пеш аз ҳама барои омӯзгорони соҳаҳои таърих, сиёсатшиносӣ, мардумшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, Вазорати корҳои хориҷӣ ва Вазорати энергетика ва захираҳои оби кишвар зарур мебошад, зеро дар он заминаҳо, ҷанбаҳо, равандҳо, шароит ва

имкониятҳои ҳамкориҳои мутақобилан судманди кишварҳои ҳамҷавор дар соҳаи энергетика таҳлил ва таҳқиқ карда шудаанд. Баробари ин таҳлилҳо, хулосаҳо ва натиҷаҳои мавзуи баррасишуда метавонанд барои муҳаққиқони ҷавон дар омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои монанд ва наздик ҳамчун дастури назариявии такягоҳӣ хизмат кунанд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** омӯзиши захираҳои гидроэнергетикӣ ва ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаи энергетика дар даврони истиқлол дар назар дошта шудааст.

- **баён шудани** бухрони энергетикӣ дар аввали солҳои соҳибистиқлолӣ ва қабули Консепсияи рушди комплекси энергетикии Тоҷикистон, ҳамкориҳои минтақавии гидроэнергетикӣ дар сармоягузорӣ, лоиҳакашӣ ва истифодаи неруи зеҳнӣ - техникӣ муҳим мебошанд.

- **ошкор гардидани** дараҷаи азхудкунӣ ва истифодаи захираҳои обӣ-энергетикии минтақа ва таҳлили ҳолати равандҳои истифодаи неруи барқ дар истеҳсолот, фарҳанг ва ҳаёти маишии аҳолии кишварҳои пасошуравии Осиёи Марказӣ аҳаммияти рисоларо дучанд намуд.

- **омӯхта шудани** иқтидори гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тавозуни энергетикии кишварҳои Осиёи Марказӣ, бунёди иншооти гидроэнергетикӣ ва аҳаммияти онҳо дар тараққиёт ва рушди хоҷагии халқи Тоҷикистон ва дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, бухрони энергетикӣ дар аввали солҳои соҳибистиқлолӣ ва қабули Консепсияи рушди комплекси энергетикии Тоҷикистон, муайян намудани захираҳои обии Осиёи Марказӣ ва мушкилоти иқтисодии истифодаи онҳо барои истеҳсоли неруи барқ, ҳамкориҳои минтақавии гидроэнергетикӣ дар сармоягузорӣ, лоиҳакашӣ ва истифодаи неруи зеҳнӣ – техникӣ, нақши иншооти гидроэнергетикӣ дар пешрафти иқтисоди кишвар ва минтақа зарур шуморида шуд.

- **аз нав такмил додани** санадҳои меъёрии ҳуқуқии равобити дипломативу тиҷоратӣ Ҷумҳурииии Тоҷикистон дар соҳаи энергетика бо кишварҳои Осиёи марказӣ, бастани созишномаву тафоҳумномаҳо ҷиҳати тақвияти ҳамкориҳо дар соҳаи гидроэнергетика ва татбиқи сиёсати минтақавии ин соҳа рисолаи мазкур мусоидат менамояд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки**: натиҷаҳои он метавонад зимни таҳияи корҳои илмӣ доир ба масъалаҳои муҳимми таърихи муносибатҳои байналхалқӣ, тартиб додани барномаҳо, дастурҳои таълимӣ, таҳияи курсҳои махсус доир ба давраи мавриди таҳқиқ барои донишҷӯёни макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад. Ҳамзамон, дар раванди такмили

фаъолияти ниҳодҳои марбутаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили ВКХ ва дигар сохторҳои дахлдор мусоидат намояд.

- **муайян карда шуданд**, ки таҳқиқоти мазкур ва натиҷаҳои он метавонанд дар раванди татбиқи сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи марказӣ дар самти гидроэнергетика мавриди истифода қарор гиранд.

- **офарида шуд**: дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ, осори муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ва манобеъи таърихӣ ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шуд.

- **муаррифӣ карда шуд:** дар натиҷаи таҳлили манобеи таърихӣ бунёди комплекси гидроэнергетикии Тоҷикистон, вижагиҳо ва аҳаммияти он дар низоми энергетикии Осиёи Марказӣ ва ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар рушди соҳаи гидроэнергетика муайян карда шуд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки маълумоти дақиқ, маълумоти муътамади сарчашмаҳои таърихӣ, маводди таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуктаҳои асосии таҳқиқот муҳим мебошанд. Хулосаву тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

- **ғоя** дар пояи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар рушди соҳаи гидроэнергетика, ба монанди Консепсияи нави рушди комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити соҳибистиқлолӣ, захираҳои обии Осиёи Марказӣ ва масоили иқтисодии истифодаи онҳо барои истеҳсоли неруи барқ, ҳамкориҳо дар сармоягузорӣ, лоиҳакашӣ ва истифодаи неруи зеҳнӣ - техникӣ дар соҳаи гидроэнергетика ва аҳаммияти минтақавии НБО-и Роғун дар таъмини обу барқи ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ **асоснок шудааст**.

- **истифода шудаанд:** асарҳо, мақола, баромад, суҳбатҳои хосса ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба масъалаҳои байналмилалии об ва захираҳои гидроэнергетикии кишвар, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қарорҳои қабулкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводди Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бойгонии давлатии вилояти Суғд, шуъбаи Тоҷикистони шуравӣ, Вазорати энергетика ва захираҳои об, дигар вазорату сохторҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳқиқоти олимону муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ дар таълифи рисола мусоидат намуданд.

- **муайян шудаанд**, ки бо мақсади расидан ба яке аз самтњои стратегии кишвар - истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ, Њукумати Љумњурии Тољикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ зиёда аз 300 неругоҳи барқи обии хурду бузург, 1,5 ҳазор километр хатҳои интиқоли барқи баландшиддат, 50 зеристгоҳи баландшиддати барқӣ, таҷдиду азнавсозии неругоњњои куњнашуда ва дар маҷмуъ, 75 дарсади зерсохтори энергетикии кишвар азнавсозӣ гардид.
- **истифода шудаанд:** дар раванди таҳияи рисола усулҳои муносибати комилу системавӣ ва маърифатии дар илми муосири таърих маъмул – таърихият, пайвастагии хронологӣ ва мантиқии баёни воқеаҳо, масъалагузорӣ, қиёси назарӣ, шаффофият ва воқеият дар асоси далелҳо, пайвастагии хронологӣ-мантиқӣ ва равиши омехтаи соҳавӣ кор гирифта шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар сатҳи навгонии диссертатсионӣ, муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, мақолаҳои илмӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос ёфтааст. Ҳамзамон, тартиб додани нақша ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, саҳми шахсии муаллифро инъикос менамоянд. Ҳамаи натиҷаҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда аз ҷониби муаллиф ба даст оварда шудаанд.

Дар маҷлиси 25 июни соли 2025 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Алимардонзода Зулайхо Файзалӣро ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201- Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз рӯйи ихтисоси 6D020201- Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) 4 нафар. Аз 13 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 13 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Расулиён Қ.Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои таърих** **Умаров А.Қ.**
**24.09.2025**